# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)” барэи дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.2 Назарияи забон. –Душанбе, 2026. – 360 с.**

Диссертатсияи **Ализода Ҳокимхон Сафолиён** дар мавзуи **“Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)”** ба марҳилаҳои рушду ташаккули забоншиносии навини тоҷик бахшида шуда, ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пурра мувофиқат мекунад, зеро талаботи шиносномаи ихтисоси мазкур пажуҳиш ва омӯзиши масъалаҳои таърихи забоншиносӣ ва дигар масъалаҳо вобаста ба талаботи ҷомеа, моҳият, сохтор, вазифа ва қонуниятҳои умумии забонро пешбинӣ менамояд.

Барои таърихи забоншиносии тоҷик ба риштаи таҳлил кашидани афкори даврони навини он баҳри рушди фарҳанги маънавии ҷомеа аҳаммияти илмию амалӣ дорад, зеро он имкон фароҳам меорад, ки ҷараёни афкори илмӣ ва нақши мактабҳои илмӣ дар инкишофи роҳи пурпечутоби тайкардаи он муайян карда шаванд.

Даврони мазкури забоншиносии тоҷик замоне ба шумор меояд, ки дар марҳилаи мазкур пояҳои забоншиносии навини тоҷик гузошта шуда, масъалаҳои бахши мухталифи он, амсоли овошиносиву вожашиносӣ, сарфу наҳв, услубшиносиву таъбиршиносӣ ба қолаби мушаххасу муайяни илмӣ дароварда шуданд.

Агарчи то нимаи аввали асри XIX ҳам дар асарҳои улуми сегонаи адабӣ, ҳам дар фарҳангномаҳои тафсирӣ ва бархе осори дигар роҷеъ ба асосҳои дастурҳои забони тоҷикӣ гоҳе қайду ишораҳои мухтасар ва гоҳи дигар муфассал баён шудаанд, аз нимаи дуюми асри XIX дар вазъи афкори забоншиносии тоҷик дар робита ба ҳамроҳгардии Осиёи Миёна ба Русия ва зуҳури ҷараёни маорифпарварӣ таҳаввулу табаддули муҳиме ба вуқуъ пайваст. Густариши ҷараёни номбурда боиси арзи ҳастӣ кардани дигаргунӣ дар ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ва шуури мардуми тоҷик гашта, баҳри пайдо шудани афкори навини забоншиносии тоҷик заминаи мусоид ба вуҷуд овард.

Ализода Ҳокимхон Сафолиён мавзуеро ба риштаи пажуҳиш кашидааст, ки ба бахши назарияи забон иртибот дошта, мубрам ва нав маҳсуб мешавад. Агарчи доир ба паҳлуҳои алоҳидаи ин масъала аз устод С. Айнӣ сар карда, то имрӯз муҳаққиқон В. С. Расторгуева, В. В. Григорев, А.

Муҳиддинов, М. Ҷаъфар, Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов, М. Қосимова, Д. Хоҷаев, Т. Ваҳҳобов ва дигарон андешаву бардошти худро баён кардаанд, таҳқиқоти онҳо хусусияти муқаддимотӣ ва обзорӣ дошта, кулли шебу фарози мавзуи мавриди баҳсро дар бар нагирифтаанд. Аз ин ҷиҳат, мавзуи интихобкардаи Ализода Ҳокимхон Сафолиён мубрам ва муҳим ба шумор рафта, он метавонад дар оянда барои кушода гардидани нуктаҳои печида ва баҳсноки ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (аз соли 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ) мусоидат намуда, баҳри рӯйи кор омадани пажуҳишҳои нав ба нави ба ин масъала марбут ҳамчун замина хидмат кунад.

Навгонии диссертатсияи Ҳ. С. Ализода дар он зоҳир мегардад, ки унвонҷӯ ташаккул ва марҳилаҳои рушди забоншиносии навини тоҷикро аз соли 1840-ум то даврони бозсозӣ ба гунаи яклухту бунёдӣ мавриди таҳлил қарор додааст, манбаъву омилҳои ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷикро дар заминаи марҳилаҳои таърихӣ ба риштаи таҳлил кашидааст, дар асоси далелҳои фаровон марҳилаҳои ташаккулу рушди масъалаи тазаккурёфтаро ба давраҳои тоинқилобӣ ва баъдиинқилобӣ дастабандӣ карда, мақому мавқеи афкори муҳаққиқони дар ин масъала ҳиссагузорро ошкор намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** бо он собит мешавад, ки Ҳ. С. Ализода дар ҷараёни баррасии масъала консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷиро сармашқи пажуҳиши худ қарор дода, марҳилаҳои забони адабии муосири тоҷикиро мушаххас кардааст, нақши муассир доштани баъзе осори ба сарфу наҳви мухтасар бахшидаи олимони хориҷӣ ва равшанфикрони маҳаллиро дар инкишофи афкори забоншиносии навини тоҷик нишон додааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии бардоштҳои унвонҷӯ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат доштани ҳаҷми маводди пажуҳиш, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти усулҳои таҳлил бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар заминаи пажуҳиш пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқ муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти назарии диссертатсияи** доктории Ализода Ҳокимхон Сафолиён ин аст, ки унвонҷӯ ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди онро аз соли 1840-ум то даврони бозсозӣ бо зикри далели фаровон ба таври густарда ва дақиқ ба риштаи таҳлил кашидааст, ки он дар оянда метавонад ба рушди илми забоншиносӣ ва такомули асосҳои методологӣ мадад расонад.

**Аҳаммияти амалии пажуҳиш** дар он зоҳир мегардад, ки бардоштҳои аз таҳлил дастрасшударо метавон ҳангоми таҳияи китобу дастурҳои

таълимии макотиби миёнаву олӣ, инчунин дастури ҷомеи забони тоҷикӣ истифода кард.

Натиҷаву хулосаҳои диссертатсия метавонанд ҳамчун маводди курсу семинарҳои тахассусӣ барои донишҷӯёну магистрантону докторантон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Ваянзода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)” аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати сарчашмаҳову осори илмии пажуҳишӣ ва интишороти илмии унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Дар фаслу зербахшҳои диссертатсия усули хуби пажуҳиш, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳсҳои илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиб мушоҳида мешавад.

Дар муқаддимаи диссертатсия (с. 5-21) мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи пажуҳиши он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект, навоварии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

**Боби 1-уми** диссертатсия мавсум ба **“Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX”** фарогири панҷ фасл (с. 22-68) буда, дар чунин бахшҳои пажуҳиш ҳусну қубҳи афкори забоншиносии донишмандони тоҷик матраҳ гардидааст. Дар ин боб муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки бо вуҷуди собиқаи тулонӣ доштани афкори забоншиносии классикии тоҷик марҳилаи ибтидоии забоншиносии навини он ба таври мустақим ва муфассал баррасӣ нагардидааст.

Муаллиф мусоидати грамматикаҳои мухтасар ва муқаррарии забони форсиро дар ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик таъкид карда овардааст, ки омӯзиши забони тоҷикӣ аз таҳқиқи гӯишҳо оғоз гардидааст. Барои тасдиқи фикр ӯ аз осори К. Г. Залеман, В. А. Жуковский, М. Ҷаъфар, А. Боқихонов, В. В. Григорев, А. А. Семёнов, В. П. Наливкин, И. Н. Берёзин ва дигарон ёдовар шуда, таъсири ин гуна осорро ба ташаккули забоншиносии навини тоҷик баррасӣ намудааст.

Дар фаслҳои баъдии боби мазкур муаллиф роҷеъ ба таъсири ҳаракати маорифпарварӣ ба афкори забоншиносии тоҷик, ба амал омадани тағйирот дар соҳаи таълим, инъикоси афкори номбурда дар китобҳои дарсии усули нав, идомаи афкори забоншиносии классикӣ дар фарҳангномаҳои тафсирӣ,

таъсири афкори забоншиносии рус дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик баъди ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия андешаронӣ кардааст.

**Боби 2-юми** пажуҳиш **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 20 -30-юми асри XX"** номгузорӣ шуда, шомили ду фаслу даҳ зерфасл (с. 69-157) аст. Дар чунин бахшҳо унвонҷӯ дар атрофи масоиле чун арзиши забоншиносии масъалаҳои матраҳшудаи забони тоҷикӣ андешаронӣ карда, саҳми донишмандону адибон ва рӯзноманигоронеро чун С. Айнӣ, Т. Зеҳнӣ, С. Ализода, Р. Ҳошим, А. Фитрат, А. Мунзим, Б. Азизӣ, Н. Ҳайдарӣ (Бектош), Б. Ҳоҷизода, Ҳ. Бақозода баррасӣ намудааст ва мақому мавқеи ҳар кадоми онҳоро бо овардани далелҳои мушаххас нишон додааст.

Дар ин гуна фаслу зерфаслҳо, ба назари мо, мулоҳизарониҳои муаллиф оид ба якрангу якнавохт набудани вазъи забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 20-30-юми садаи XX (даъраи гузариш ҳисобёбии он), хидмати Т. Зеҳнӣ дар тоҷикӣ кардани бисёр истилоҳу таркиботи соҳаи забоншиносӣ, такмил додани қоидаҳои дастурӣ, ки дар дастурҳои пешин мисли "Сарфу наҳви тоҷикӣ"-и С. Ализода арабӣ буданд, хидмати Т. Зеҳнӣ дар луғатшиносиву шинохти вожаҳо, нақши барҷастаи С. Ализода дар таълиму таҳқиқи масъалаҳои забони тоҷикӣ, ҳифзи асолати забони тоҷикӣ, покизагии он, аз ҷониби ӯ гузошта шудани бунёди дастури забони тоҷикӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, аввалин бор вожаи "тоҷик"-ро ба номи китоби дарсӣ ворид сохтани С. Ализода (пеш "форсӣ" буд), мувофиқати таснифоти А. Фитрат бо ҳозира дар хусуси миқдори овозҳои забони тоҷикӣ, мушаххасан шарҳ ёфтани ҳодисаи ҳиҷо ва ҳиҷоҷудокунӣ, зада ва қолабҳои заданокӣ аз тарафи А. Фитрат таваҷҷуҳро ба худ мекашанд.

**Боби 3-юми** диссертатсия **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 40 -50-уми асри XX"** (с. 158-199) ном дошта, фарогири як фаслу се зерфасл аст ва дар онҳо унвонҷӯ осори илмии муҳаққиқони забоншиноси ин марҳилаи забоншиносии навини тоҷикро аз назари таҳлил гузаронида, саҳми назаррас доштани пажуҳишгаронеро мисли Л. Бузургзода, А. Мирзоев, инчунин, дар баробари шоири номвар буданаш боз муҳаққиқи масъалаҳои забони тоҷикӣ маҳсубёбии А. Деҳотиро баррасӣ кардааст.

Дар ин гуна фаслу зерфаслҳо, ба пиндори мо, таҳлили диссертант дар мавриди нақши чашмрас доштани корҳои Л. Бузургзода дар бахши хеле кам омӯхташудаи забоншиносии тоҷик-наҳв, иқдоми нахустин ва бамаврид будани шарҳи Л. Бузургзода дар хусуси се гурӯҳи ҷумлаи пайрав, комилан дуруст муайян карда шудани моҳияту вазифаи ҷумлаҳои пайрав, муқобилати А. Деҳотӣ ба истифодаи бемавриди калимаҳои иқтибосӣ, дар ҳоле ки вожаҳои аслии худӣ вуҷуд доранд, зид баромадани ӯ дар бораи гирифтани истилоҳот аз забони халқ таваҷҷуҳро ба худ мекашанд.

**Боби 4-уми** диссертатсия **“Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 60-уми асри XX”** дарбаргирандаи як фаслу ҳашт зерфасл (с. 200-251) буда, дар чунин зерфаслҳо унвонҷӯ нақши донишмандони ин давраи инкишофи забоншиносии тоҷикро дар ҳаллу фасли як ё чанд самти забони тоҷикӣ муайян кардааст. Масалан, ӯ нишон додааст, ки Б. Ниёзмуҳаммадов, Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов, М. Шакурӣ роҷеъ ба масоили мухталифи забони тоҷикӣ пешниҳодҳои судмандеро баён кардаанд, вале донишмандоне амсоли Ш. Ниёзӣ (илми сарф), Н. Маъсумӣ ва Р. Ғаффоров (муҳаққиқони забону услуби адибон), Х. Ҳусейнов (муҳаққиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ) бештар таҳлил кардани яке аз бахшҳои забоншиносиро ҳадафи худ қарор додаанд. Ба ин тариқ, унвонҷӯ дар зерфаслҳои ин боб мулоҳизаҳои муфидеро дар бораи яке аз самтҳои асосии фаъолияти илмии Б. Ниёзмуҳаммадовро ташкил додани пажуҳиши забони асарҳои бадеӣ, мақому мавқеи адибон дар ташаккули забони адабии тоҷикӣ; нозукандешии Д.Т. Тоҷиевро доир ба вазифаҳои дастурии изофат, истеъдоди баландашро дар кушода шудани муаммоҳои дар наҳв мавҷуда; замина гардидани таҳқиқоти Х. Ҳусейновро дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави замон барои омӯхтани табиати ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва нуктаҳои торику норавшани хусусиятҳои сохториву маъноии онҳо зикр кардааст.

**Боби 5-уми** диссертатсия **“Андешаҳои муҳаққиқони забон дар солҳои 70-уми асри XX”** фарогири як фаслу дувоздаҳ зерфасл (с. 252-312) мебошад.

Муаллифи диссертатсия дар ин гуна зерфаслҳо кӯшиш ба харҷ додааст, ки саҳми шоиста доштани донишмандони тоҷикро дар ошкоршавии муаммоҳои дар ин ё он бахши забоншиносӣ ҷойдошта ба риштаи таҳлил кашад. Чунончи, аз таҳлили ин масъала муаллиф ба бардоште расидааст, ки Д. Тоҷиев, Ф. Зикриёев, П. Қурбонов дар ҳаллу фасли наҳви ҷумлаҳои мураккаб, А. Эшонҷонов, М. Исматуллоев дар баррасии наҳви ҷумлаҳои сода мӯшикофӣ нишон додаанд, Р. Ғаффоров дар омӯхтани гӯишшиносӣ дасти боло дорад, Ш. Рустамов дар таҳқиқи усулҳои васли вожаҳо ва бунёди калимаҳои сохтаву мураккаб дақиқназарӣ нишон додааст, М. Қосимова ва С. Ҳалимов дар пажуҳиши таърихи забони адабии тоҷикӣ хидмати назаррас доранд, Ҳ. Маҷидов дар таҳқиқи воҳидҳои рехтаву устувори тоҷикӣ хидмати мондагореро анҷом додааст, Б. Камолиддинов дар услубшиносӣ беҳамтост, А. Мирзоев дар таҳқиқи иборaҳои забони тоҷикӣ чирадаст аст.

Ҳамин тавр, андешаронии унвонҷӯ оид ба давраи рушду такмили илми аҳди шуравии тоҷик маҳсубёбии ин марҳала; дар сатҳи забоншиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷаҳон баррасӣ карда шудани масъалаҳои назариявии наҳви ҷумлаҳои мураккаб аз ҷониби Д.Т. Тоҷиев; бартарии таҳқиқоти М. Н.

Қосимова дар истифодаи мавод на танҳо аз адибони муосир, балки аз осори классикон ва ба ин восита нишон додани пояи ҳазорсола доштани ин ё он ҳодисаи забонӣ, ба риштаи таҳлил кашида шудани ҳам наҳви муосир, ҳам таърихӣ аз тарафи ӯ; хидмати И. Исматуллоев дар бартарафсозии нуқсу камбудиҳо дар таҳқиқи ҳоли замон ва макон; аз тарафи Б. Камолиддинов мавриди таҳқиқ қарор дода шудани масъалаи хеле кам омӯхташуда-муродифоти наҳвӣ; фарқ кардани таҳқиқоти А. Мирзоев бо амиқандешӣ, истифодаи фаровони манбаъҳои илмӣ ва усули системавиро татбиқнамоии ӯ дар фаъолияти илмӣ диққатҷалбкунанда буда, аз дониши фарохро соҳиб будани диссертант дар ин масъала дарак медиҳад.

Хулосаи диссертатсияи Ализода Ҳокимхон Сафолиён (с. 313-321) дар мавзуи **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)"** фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 22 банд фароҳам омадааст. Инчунин, дар бахши тавсияҳо (с. 320-321), ки аз 10 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ қайд гардидааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ** (с. 357-360). Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсияаш як монография ва 24 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 18 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтааст. Маводди интишоргардида инъикоскунандаи нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсия маҳсуб меёбанд. Теъдоди маводди чопкардаи диссертант ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи Ализода Ҳокимхон Сафолиён ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Дар радифи комёбиҳо ва бардоштҳои ҷолиб дар диссертатсия баъзе иштибоҳҳо ба мушоҳида расиданд, ки мо ба хотири ислоҳи минбаъдаи онҳо ва болоравии сифати таҳқиқоти илмии диссертант зикрашонро бамаврид меҳисобем:

1.Муаллиф дар ҷараёни зикри номи забони тоҷикӣ истилоҳи ҳархеларо ба кор бурда, онро гоҳ "забони форсии тоҷикӣ" (с. 48, 51, 52...), гоҳ "забони тоҷикӣ" (с. 5, 7, 10...) ва гоҳи дигар "забони дарии тоҷикӣ" (с. 35, 130) ном мебарад;

2. Дар диссертатсия асару мақолаҳои илмии ба самти забоншиносӣ бахшидаи академик М. Шакурӣ сатҳӣ (с. 249-251) мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, дар ҳоле ки худи муаллиф аз 50 китоб ва беш аз 500 мақолаи муҳаққиқи номбурда ёдовар шудааст;

3.Муаллифи диссертатсия ҳангоми овардани ному насаби муҳаққиқони ватниву хориҷӣ низоми ягонаи зикрро риоя накарда, бархеро дар шакли комил (ниг. с. 4, 8, 10, 11) ва иддаеро ба гунаи мухтасар (ниг. с. 10, 14, 15) овардааст, инчунин, дар зикри номи чанде аз пажуҳишгарон мисли В. С. Расторгуева (на В. С. Росторгуева – с. 17), К. Г. Залеманн (на К. Г. Зелеман – с.17, ), Л. В. Шерба (на И. Л. Шерба – с. 72), И. К. Овчинникова (на И. К. Овчиникова - с. 272), В. П. Наливкин (на И. П. Наликвин – с. 8, 17, 53) ба иштибоҳ роҳ додааст;

4.Унвонҷӯ баъзан дар ишора намудани саҳифаи иқтибоси аз муҳаққиқон зикрнамуда ғалат кардааст. Масалан, дар саҳифаи 9-уми муқаддима аз устод Садриддин Айнӣ як ҷумларо дар хусуси таърихи ҳазорсола доштани забони тоҷикӣ иқтибос оварда, ба саҳифаҳои 3-8-уми адабиёти № 353-юм ишора намудааст, ки шубҳанок аст;

5.Таҳқиқоти мазкур бо забони хуби илмӣ ва равону сода таълиф шудааст, вале, баробари ин, дар диссертатсия ғалатҳои **имлоӣ** (ниг. с. 6, 13, 15, 42, 92, 118, 170, 188, 190, 216, 273, 307, 321...), **китобат** (ниг. с. 7, 8, 18, 273, 318...) ва **услубӣ** (ниг. с. 5, 23, 142, 234, 238, 316...) мушоҳида шуданд. Чунин иштибоҳҳо дар автореферати диссертатсия низ ба назар расиданд (ниг. с. 2, 26, 31, 33, 41, 43, 44, 74...).

Бояд таъкид кард, ки чунин ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба сифати диссертатсия ҳаргиз таъсири манфӣ намерасонанд ва онҳоро метавон дар муддати хеле кӯтоҳ ислоҳ намуд.

Диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён бо равиши илмӣ навишта шуда, пайдарпайии бахшҳои он комилан риоя гардидааст.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда ба нашр расонидааст, муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.2 Назарияи забон комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои

1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.2ю Назарияи забон сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-юми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ**:
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф

" 25" -уми августи соли 2026-ум

**Нишонӣ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 15-ум,
ҳавлии 85-ум
**Почтаи электронӣ:** abdujamol58@mail.ru
Тел.: (92) 824-25-61; (91) 500-41-21
Имзои профессор А.А. Ҳасанзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи академик
Б. Ғафуров" Сайдуллозода Заррина Сайдулло

**Нишонӣ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков-1,
Тел.: (992-3422) 6-52-73
E-mail: rektor@hgu.tj